Гуфторҳои

Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

Коди гуфтор: 59

Аҳаком

Намоз

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

بسم الله الرحمن الرحيم

Ду гуфтор аз он ҳазрат дар бораи кароҳати ниҳодани дасти рост бар дасти чап дар намоз

1 . أَخْبَرَنا مُحَمَّدُ بْنُ عَبْدِ الرَّحْمٰنِ الْهِرَوِيُّ، قالَ: سَأَلْتُ الْمَنْصُورَ عَنِ الْقَبْضِ فِي الصَّلاةِ، فَكَرِهَهُ وَ قالَ: أَقُولُ فِيهِ بِقَولِ فُقَهاءِ الْمَدِينَةِ! قُلْتُ: تُرِيدُ مالِكاً؟ قالَ: مالِكاً وَ خَيْراً مِنْ مالِكٍ!

Тарҷумаи гуфтор:

Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Ҳиравӣ моро хабар дод, гуфт: Аз ҳазарти Мансур дар бораи қабзи (ядайн) дар намоз пурсидам, пас онро макрӯҳ шумурд ва фармуд: Дар бораи он ба қавли фуқаҳои Мадина фатво медиҳам, гуфтам: Манзуратон Молик аст? Фармуд: Молик ва беҳтар аз Молик!

Шарҳи гуфтор:

Молик ибни Анас ибни Молик ибни Абӣ Омири Асбаҳӣ Ямонӣ (д.179қ) аз фуқаҳои Мадина ва Имоми Моликиён аст ки ниҳодани дасти рост бар дасти чап дар намози фарзро макрӯҳ мешумурд ва суннатро ирсол яъне андохтани дастҳо дар он медонист ва зоҳиран муроди ҳазарти Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло аз «خَيْراً مِنْ مالِكٍ»; <<Беҳтар аз Молик>>, имомоне аз аҳли байт монанди Абу Ҷаъфари Боқир (д.114қ) ва Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ (д.147қ) аст ки аз фуқаҳои Мадина маҳсуб мешуданд ва монанди Молик, қоъил ба кароҳати ниҳодани дасти рост бар дасти чап дар намоз буданд.

2 . أَخْبَرَنا عِيسَى بْنُ عَبْدِ الْحَمِيدِ الْجُوزَجانِيُّ، قالَ: سَأَلْتُهُ عَنِ التَّكْفِيرِ فِي الصَّلاةِ، فَقالَ: إِنِّي وَاللّهِ لَأَكْرَهُ أَنْ أَتَشَبَّهَ بِآلِ فِرْعَوْنَ! أَلا تَنْظُرُونَ إِلىٰ تَماثِيلِهِمْ كَيْفَ يُكَفِّرُونَ؟! قُلْتُ: إِنَّهُمْ يَقُولُونَ إِنَّهُ سُنَّةٌ! قالَ: سُنَّةٌ لِآلِ فِرْعَوْنَ! ثُمَّ قالَ: كانَ رَسُولُ اللّهِ صَلَّى اللّهُ عَلَيْهِ وَ آلِهِ وَ سَلَّمَ يُرْسِلُ يَدَيْهِ فِي الصَّلاةِ وَ كانَ لا يَتَصَنَّعُ كَما تَتَصَنَّعُونَ!

Тарҷумаи гуфтор:

Исо ибни Абдулҳамиди Ҷавузҷонӣ моро хабар дод, гуфт: Аз он ҳазрат дар бораи такфир (яъне ниҳодани дасти рост бар дасти чап) дар намоз пурсидам, пас фармуд: Ман ба Худо савганд кароҳат дорам аз инки ба Оли фиръавн шабеҳ шавам! Оё муҷассамаҳои ононро намебинед ки чигуна такфир кардаанд?! Гуфтам: Инҳо мегӯянд ки он суннат аст! Фармуд: Суннате барои Оли фиръавн! Сипас фармуд: Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам

худро дар намоз меандохт ва тасаннуъ намекард бадин сон ки шумо тасаннуъ мекунед!

Шарҳи гуфтор:

<<Тасаннуъ кардан>>, ба маънои зоҳирсозӣ ва гирифтани ҳолатӣ хос ба худ бо такаллуф ва ба таври сохтагӣ аст ки дар амал такфир мисдоқ меёбад ва ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло онро макрӯҳ ва аз суннатҳои Оли фиръавн мешуморад ва шояд сидқи эшон муҷассамаҳойе аст ки аз Мисри бостони бар ҷой монда ва ба унвони намуна, дар тасовири зер қобили мушоҳида аст:

«قالَ ٱلْمَنْصُورُ: أَلا تَنْظُرُونَ إِلى تَماثِيلِهِمْ كَيْفَ يُكَفِّرُونَ؟!»;

<<Мансур фармуд: Оё муҷассамаҳои ононро намебинед ки чигуна такфир кардаанд?!>>



